Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароити иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф, тарбияи ватандӯстии наврасон дар заминаи арзишҳои этнопедагогӣ – ба масъалаи ниҳоят муҳими муҳити муосири таълиму тарбия иртибот дорад. Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ниёз ба тарбияи шаҳрвандони дорои худшиносии миллӣ ва эҳсоси масъулияти ватандорӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад.

Дар раванди таҳқиқ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии наврасонро на танҳо дар доираи анъанаҳои этнопедагогӣ, балки дар робита бо талаботи нави низоми миллии маориф ва таҷрибаи воқеии муассисаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Автореферат бо риояи сохтори мантиқӣ таҳия гардида, дар он ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, гипотеза ва методология равшан ва дақиқ баён гардидаанд. Муаллиф дар оғози таҳқиқот ҳадафи мушаххас — таҳқиқ ва муайянсозии шароити иҷтимоӣ-педагогии таъсиргузор ба ташаккули ватандӯстӣ дар наврасон тавассути захираҳои этнопедагогӣ-ро пеш мегузорад.

Мутобиқи ин ҳадаф, вазифаҳои илмӣ бо пайдарпайии мантиқӣ ҷудо гардида, аз омӯзиши заминаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ то ташкили марҳилаҳои озмоишӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ фаро мегиранд.

Муаллиф дар ҷараёни кори худ аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили манбаъҳои адабӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва озмоишҳои амалии педагогӣ истифода бурдааст.

Барномаи пешниҳодшудаи муаллиф — “Тарбияи ватандӯстии наврасон бо истифода аз воситаҳои этнопедагогӣ” — дар муҳити таълимӣ озмоиш шуда, самаранокии он бо нишондодҳои муқоисавии пеш ва пас аз таҷриба исбот шудааст.

Саҳми илмии муҳаққиқ дар таҳияи барномаи мукаммали тарбиявӣ, муайянсозии нишондиҳандаҳои ташаккули ватандӯстӣ ва мутобиқсозии унсурҳои тарбияи халқӣ бо муҳити муосири мактабӣ ифода ёфтааст. Таҳлили унсурҳои этнопедагогӣ — аз ҷумла мақолҳои мардумӣ, анъанаҳо, ҳикояҳо ва шахсиятҳои таърихӣ — бо диди тарбиявӣ, бо диққат ва ба таври мушаххас дар кори илмӣ нишон дода шудаанд.

Ҳамзамон, муаллиф тавонистааст робитаи мутақобилаи се муҳити муҳими тарбия — мактаб, оила ва ҷомеа — ро тавсиф намуда, дар асоси он тавсияҳои методии мушаххас пешниҳод намояд.

Диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим таҳқиқоти илмии мустақили мукаммал мебошад, ки ба талаботи КОА ҷавобгӯ аст. Муаллиф масъалаи муҳими ташаккули ватандӯстии наврасонро дар заминаи арзишҳои фарҳанги миллӣ ба таври амиқ таҳқиқ намуда, барномаи амалии тарбиявиро таҳия ва озмоиш намудааст.

Тадқиқот барои илми педагогика ва амалияи мактабии кишвар арзиши воқеӣ дошта, метавонад ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳо, дастурҳои методӣ хизмат кунад.

Дар умум, автореферати Одилзода Дилбар Раҳим ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз руйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии Нематуллозода М.М.
таълимии “Гимназияи №1
барои хонандагони болаёқати
шаҳри Душанбе”

Имзои Нематулозода Муродбек Музафарро тасдиқ менамоям.

Мудири бахши кадрҳо Изатов Ё.
ва назорати коргузорӣ

Маълумот барои тамос:
тел: +992 37-233-28-11
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ғаффор Мирзо 6